# Семинари омӯзишии Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таблиғу тарғиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Submitted by Ҳайати тадорукот on 23 December, 2021 - 15:19
[1]

Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ 23-юми декабри соли 2021, соати 10:00 дар Маркази саломатии шаҳрии №8 бо ҷалби табибон (ҳамагӣ 40 нафар) ва худи ҳамин рӯз

соати 14:00 дар Донишкадаи олии сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби устодон ва курсантон (ҳамагӣ 140 нафар) семинари омӯзишӣ ҷиҳати риояи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар сандаҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба соҳа баргузор намуд, ки дар он сардори шуъбаи танзими истилоҳот – Зулфониёр Р. ва сармутахассиси шуъбаи ташкилию ҳуқуқии Кумита – Буриева Ш., муовини раиси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Исмоили Сомонӣ – Шарифзода Н. ва мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи ноҳияи мазкур – Шаҳобов С. иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар оғоз мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи ноҳияи Исмомили Сомонӣ – Шаҳобов С. семинарро ҳусни оғоз бахшид. Баъдан суханронии сардори шуъбаи танзими истилоҳоти Кумита – Зулфониёр Р. идомабахши семинари мазкур гардида, вобаста ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ», «Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020 - 2030», «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ андешаронӣ намуд.

Дар анҷоми семинар аз ҷониби иштирокдорон саволҳо пешниҳод шуданд, ки мутахассисони Кумита ба онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда доданд.

**Content rating:** 3

Average: 3 (2 votes)

Rate

## Category:

- Ахбори рӯз [2]

- 

-

- 

-

- 

-

- 

**Source URL:**https://kumitaizabon.tj/en/node/6804

**Links**
[1] http://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/1640280272093.jpg [2] http://istilohot.tj/en/taxonomy/term/10 [3] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640279841991.jpg [4] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640279848436.jpg [5] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640279852652.jpg [6] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640280035820.jpg [7] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640280040845.jpg [8] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640280049714.jpg [9] http://istilohot.tj/sites/default/files/gallery/1640280272093.jpg